Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ



# Маъруф таги каппа шуд



Мол тоҷ 2
Р-47

ҲИДОЯТУЛЛОҲ РАҲМОНӢ

# МАЪРУФ ТАГИ КАППА ШУД

(шеърҳои бачагона)

Душанбе «Шуҷоиён»
2010

ББК – 84 тоҷик 7-5
Р-47

Муҳаррир
**Шаҳобуддини Шуҷоъ**

**Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ.**
**Р-47 Маъруф тағи каппа шуд.** Шеърҳои бачагона. Душанбе, «Шуҷоиён», 2010, 24 саҳ.

*Дар ин маҷмӯа шеърҳои муаммогунаи ба бачагон бахшидаи Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ интихоб шудааст. Умедворем писанди дили бачагони азиз хоҳад шуд.*

## Бачагони азиз!

Ин маҷмӯа аз шеърҳое иборатанд, ки бо истифода аз аломатҳои забони модарӣ, ҳодисаҳои физикӣ, аломатҳои геометрӣ, масъалаҳои математикӣ ва ҳамбастагӣ бо фанҳои дигар эҷод шудаанд. Гумон аст, ки барои инкишофи андешаҳои шумо хеле муфид аст.

Шумо метавонед ба воситаи ин маҷмӯа ҳам шеър қироат намоеду ҳам масъалаҳои шавқоварро, ки ин аз ҳаёти ҳамарӯзаи шумо гирифта шудааст, ҳал намоед. Ин чунин метавонед бо ҳодисаҳои табиат ошноӣ пайдо намоед.

«Маъруф таги каппа шуд» маҷмӯаи дилписандест, ки мақбули шумо хоҳад шуд. Агар ҳар касе, ки дар маҷмӯа худашро шинохт, хоҳиш менамоем, наранҷад. Зеро «Маъруф таги каппа шуд» оинаест аз рӯзгори шумо, рӯ ба рӯи шумо!

Ба шумо табъи болида мехоҳем, бачагони азиз. Марҳамат мутолиа намоед.

# ҶОИ ПАЛИ ШОЛӢ ШУД

Боғи мактаб калон буд,
Майдони бачагон буд.

Дарахтони зӯраш буд,
Атрофи симтӯраш буд.

Себаш буду нокаш буд,
Ранга-ранга токаш буд.

Майдончаи бозӣ дошт,
Бачагонро розӣ дошт.

Харида вайрон карданд,
Ҳамаро ҳайрон карданд.

Боғи мактаб холӣ шуд,
Ҷойи пали шолӣ шуд.





## ШУМОР

Мавзуна дорад шумор,
Яку дую сею чор.
Дар вақти ҳар як шумор,
Боло наояд аз чор.
Чор гӯяд, бикобад
Давомашро, наёбад.
Зӯрӣ кунад ба оча,
Ғиря кунад балоча.
Ғӯё кардаст очааш,
Пинҳон, мисли зочааш:
Ё дар таги кӯрпача?
Ё даруни тӯрбача?

# ҲАТМАН ТАНГА МЕЁБӢ

Шодӣ афтод дар роҳ,
Ба ӯ бигуфт, Ҳамроҳ:
– Ҷойи афтатро кобӣ,
Ҳатман танга меёбӣ!

Ҳамроҳ буд калонтар,
Шодӣ ба ӯ бародар.
Бовар карда Шодӣ кофт,
Вале тангае наёфт...

Ҳамроҳ афтод аз дарахт,
Дар замини расо сахт.
Баромад доду вояш,
Аз дарди дасту пояш.



Шодӣ дида пайти муфт,
Ханда карда ба ӯ гуфт:
– Ҷойи ғалтатро кобӣ,
Ҳатман танга меёбӣ!

# МАЪРУФ ТАГИ КАППА ШУД

Маъруфи мо каппа сохт,
Каппа чаппа-чаппа сохт.

Сутунҳоро чаппа монд,
Бе зарури каппа монд.

Синҷе, ки бар каппа зад,
Вазнаш берун-чаппа зад.

Ғуфтем: – Ин чӣ каппа аст?
Сохтумонаш чаппа аст!

Хандиду бар каппа рафт,
Аз дар нею чаппа рафт.

Каппаи ӯ чапа шуд,
Маъруф таги каппа шуд.

# ГАШТАМ БАЧАИ КААОН

Модар гуфто? – Сомонӣ!
Ман равам ба меҳмонӣ,

Аммо ту, эй Сомонҷон,
Набиё! Дар хона мон!

Чунки ту ҳастӣ ганда,
Моро кунӣ шарманда.

«Ин те», «вай те» мегӯӣ,
Паёпай «те» мегӯи.

– Не, не, – гуфто Сомонҷон,
Ғаштам баччаи калон.

Дигар «те», «те» нагӯям,
Аз ту чизе наҷӯям.

Акнун худакам осон,
Мегирам аз дастархон.



# ДАР ПУШТИ ЛАБ ХОЛАШ ҲАСТ

Мавзунаро мекобам,
Мекобам, намеёбам.

Мӯяшро карда шона,
Баромадаст аз хона.

Бо шишаи пуробаш,
Бо дафтару китобаш

Бо ҷузвдони дудаш[1]
Бо курати кабудаш.

Мавзунаро кӣ дидаст?
Кӣ номашро шунидаст?

Ду моҳу ду солаш ҳаст,
Дар пушти лаб холаш ҳаст!



[1]Ранги ҷузвдонаш

## ДАФТАРҲОИ КӢ БИСЁР?

Анвар дорад ду дафтар,
Ду дафтар дорад Анвар.
Дафтарҳои Анварҷон
Бо Музаффар баробар.

Дуто дорад Гулпарӣ,
Дуто дорад Гулхумор.
Канӣ, канӣ, кӣ гӯяд,
Дафтарҳои кӣ бисёр?

## ҲИСОБДОН

Ба хонаи мо омад
Як мошин пур аз меҳмон
Канӣ ҳисобашон кун,
Агар бошӣ ҳисобдон

Ду падару ду писар,
Як набера, як бобо.
Касе ҷавобашро ёфт,
Ба меҳмонӣ марҳабо!



## КӢ ЧӢ ҚАДАР ГУЛ ОВАРД?



Дувоздаҳ гул овrouterданд
Ёру Кариму Саттор.
Саттор аз Ёр дуто кам,
Аз Карим дуто бисёр

Баробар гулҳои Ёр,
Бо Кариму бо Саттор.
Кӣ чӣ қадар гул овард?
Канӣ, инро ту бишмор?!

## ОФТОБПАРАСТ



Як хона пур аз занбӯр,
Занбӯрҳои одамхӯр.
На раванду на оянд,
На аз хона бароянд.

Мегазӣ, намегазанд,
Бирён кунӣ мепазанд.
Намехурӣ хомашро,
Кӣ меёбад номашро?

## ҶӮВОРИМАККА



Қади бобо расо рост,
Ба монанди асо рост.

Рӯи як по истодаст,
Зӯру баҷо истодаст.

Сӯи мо гардонад даст,
– Магар он ҷо гапе ҳаст?

Чаро бобо дар ташвиш?
– Чунки тифлаш дорад риш?

## ОБАКАШРО КӢ ХӮРДАСТ?

Болои оташи газ
Мафтуна об мондаст.
Пас нишаста бепарво,
Худаш китоб хондаст.
Вақти китоб хондан
Андаке хобаш бурдаст.
Зарфи рӯи газ холӣ,
Обакашро кӣ хӯрдаст?

# РАҚАМИ БИСТУ ЧОР

Аҳмадҷони синфи мо
Як даста қалам дорад.
Бибишарифа бошад,
Дуто аз ӯ кам дорад.

Қаламҳои ҳардушон,
Бо ҳам шавад бистучор.
Агарки ҳар якеро
Шумореамаш мо ду бор.

Қалами кӣ чӣ қадар?
Ҳисобашонро барор!
Масъала бозӣ дорад,
Бо рақами бисту чор!

## КӮЗА ЧАРО ШИКАСТ?

Шаби сарди зимистон
Оби кӯза ях бастаст.
Бинемаш, ки пагоҳӣ
Худи кӯза шикастаст.

Кӯза чаро шикастаст?
Намедонад Аҳмадҷон?
Касе шикаста бошад?
Канӣ, ба ӯ бифаҳмон!



# ҲИСОБАШ КУН, ТАВОНӢ

Бобо овард аз бозор
Себу шафтолу, олу.
Баробар шуд ба олу
Нархи себу шафтолу.

Аммо нархи шафтолу
Ки буд як нисфи олу,
Ба себ шуд баробар
Шуда бошад чӣ қадар?

Нархи себ агар бошад,
Тахминан се сомонӣ,
Олуюю шафтолуро,
Ҳисобаш кун, тавонӣ!



# ЧЕН КУН ҚАДИ БОБОРО

Баробар қади Доро
Бо нисфи қади Бобо
Дар миёна Назар ҳаст,
Қадаш шаш ваҷаб будаст.

Қади Назару Доро
Ҳамроҳи қади Бобо,
Бо ҳам намой ченаш,
Мебарояд се дар шаш.

Чен кун қади Боборо,
Чен кун қади Дороро.
Бобо чӣ қадар бошад?
Доро чӣ қадар бошад?



# ДАРЁ

Мори калони бедум,
Раҳро намекунад гум.

Меояду меравад,
Намеистад, медавад.

Раҳ сӯйи пас надорад,
Парвойи кас надорад.

Пешакашро гардонӣ,
Ба сад бало дармонӣ.

Аз хонаат биронӣ,
Бе ӯ наметавонӣ!



# ХАТИ РОСТ

Аз як нуқтаи дилхоҳ,
То ба нуқтаи дигар.
Агар равад мӯрчаяк,
Ё ки равад кабӯтар.

**Ф**арқаш не, ки равад об,
**Ф**арқаш не, ки равад нур
**Ф**арқаш не, ки наздик аст,
**Ф**арқаш не, ки бошад дур.

Кӣ ва ё чӣ меравад,
Номи онро накобед,
Роҳашонро чӣ ном аст,
Ана ҳамонро ёбед!



# НУҚТА

Ҷойе мондӣ, меистад,
Қадам намегузорад.
Намепурсад, чӣ гап шуд?
Ягон амре надорад.

Бо ҳарфи ту дигар ӯ
Надорад интизорӣ.
Обе ҳатто аз бурҷаш
Наметавон шуд ҷорӣ.

Баъди нишастани ӯ,
Андеша ҳам тамом аст.
Агар ту мешиносӣ,
Бигӯ, ӯро чӣ ном аст?



# АЛОМАТИ САВОЛ

Қади бобо камон аст,
Бечора, нотавон аст.

Чашмаш кӯру гӯшаш кар,
Во хӯрад бо ҳар нафар.

Роҳашро мегардонад,
Ғузаштан намемонад.

Мепурсад, ки ин чӣ аст?
Ё дар он ҷо кӣ нишаст?



Ё фалонча куҷо шуд?
Ин тавр охир чаро шуд?

Мепурсаду мепурсад...
Бобо дар ҷони ман зад!

# СОЛИ МОДАРАКАШ ЧАНД?

Маъруфҷону модараш
Якҷоя дар сию шаш.



Аз ӯ мебошад модар
Се баробар калонтар.

Ҷамъи умри додараш
Ҷамъи умри хоҳараш.

Хоҳаракаш яксола
Додаракаш сесола.

Модаракаш қадбаланд,
Соли модаракаш чанд?

# МУНДАРИЧА

Ҷои пали шолӣ шуд... ....................................4
Шумор.........................................................................5
Ҳатман танга меёбӣ..................................6
Маъруф таги каппа шуд...........................7
Ғаштам баччаи калон................................8
Дар пушти лаб холаш ҳаст........................9
Дафтарҳои кӣ бисёр?...................................10
Ҳисобдон........................................................10
Кӣ чӣ қадар гул овард?................................11
Офтобпараст....................................................11
Ҷуворимакка ..................................................12
Обакашро кӣ хӯрдаст?.................................12
Рақами 24........................................................13
Кӯза чаро шикаст?.........................................14
Ҳисобаш кун, тавонӣ.....................................15
Чен кун қади боборо......................................16
Дарё.................................................................17
Магар бобо ассо буд?.............................18
Хати рост............................................... 19
Нуқта...............................................................20
Аломати савол...............................................21
Соли модаракаш чанд?.................................22

**Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ**
**Маъруф таги каппа шуд**
**(шеърҳои бачагона)**

Муҳаррири техникӣ: ***Комрон Икромов***
Веростори компютер: ***Бунафша Ҷабборова***

Ба матбаа 14.12. 2010 супорида. Ба чоп 21.12.2010 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 1,43. Адади нашр 2000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

**ҶДММ «Шуҷоиён»**
**шаҳри Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**





